**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991–2024) (ҷанбаи таҳлилӣ-таърихӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

**Мубрамияти мавзуъ.** Муҳоҷирати меҳнатӣ дар марҳилаи муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз падидаҳои муҳимтарини иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ табдил ёфта, таъсири амиқи худро ба сохтори оила, бозори меҳнат ва ҳаёти иҷтимоии кишвар мегузорад. Дар ин миён омӯзиши ҷанбаи гендерии муҳоҷират, бавежа муҳоҷирати меҳнатии занон, аз нигоҳи илми таърихи ватанӣ то ба ҳол ба таври мукаммал ва ҷудогона мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи мазкур саривақтӣ буда, ҳам аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва ҳам арзиши амалӣ дорад. Зарурати таҳқиқ боз аз он ҷиҳат тақвият меёбад, ки мавзуъ бо самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ - аз ҷумла «Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон ва дигар санадҳои барномавӣ - робитаи бевосита дорад.

**Сохтор ва мазмуни кор.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб (ҳар яке аз ду зербоб), хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, ҳаҷми умумии он 200 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад. Кор бо 7 ҷадвал, 6 диаграмма ва 5 расм муҷаҳҳаз гардида, рӯйхати адабиёт аз 314 номгӯй иборат аст. Таҳқиқот дар чаҳорчӯби солҳои 1991–2024 анҷом дода шуда, муаллиф таърихи масъаларо ба чанд давра тақсимбандӣ намудааст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъала, ҳадаф ва вазифаҳо, объект ва предмет, доираи хронологию ҷуғрофӣ, асосҳои методологӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳамияти назариявию амалии кор муайян карда шудаанд.

**Боби якум -** «Муҳоҷирати меҳнатии занони тоҷики бурунмарзӣ дар маъхазҳои илмӣ (1991–2010)» ба таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ, таърихӣ ва амалии падида, инчунин ба хусусиятҳои омӯзиши масъала аз нигоҳи таърихнигорӣ бахшида шудааст. Муаллиф мафҳумҳои асосиро дар асоси андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ (Э. Равенштейн, Е. Ли, Ҷ. Мангалам, Д. Богуе, А.А. Ткаченко, М.Ш. Маҳмадбеков ва дигарон) баррасӣ намуда, заминаҳои назариявии муносибати гендерӣ ба муҳоҷиратро инъикос мекунад.

**Боби дуюм -** «Хусусият ва тамоюли омории муҳоҷирати кории хориҷии занони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа (2011–2023)» ба ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии масъала бахшида шуда, дар асоси маводи оморӣ, ҷадвалҳо, натиҷаҳои назарсанҷиҳои сотсиологии соҳаҳои шуғл, манбаъҳои иттилоот вазъи воқеии занони муҳоҷир таҳлил мегардад.

**Боби сеюм -** «Нақши таърихии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатии занон» ба таҳлили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ (санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ, созишномаҳои байниҳукуматӣ), тадбирҳои давлатӣ оид ба таъсиси ҷойҳои корӣ, ҷалби занон ба касбомӯзӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ равона гардидааст.

**Навгонии илмӣ ва дастовардҳои асосӣ.** Арзиши асосии кор дар он зоҳир мегардад, ки муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон бори аввал дар чаҳорчӯби илми таърихи ватанӣ ҳамчун мавзуи мустақили таҳқиқ омӯхта шудааст. Ба дастовардҳои мушаххаси муаллиф метавон инҳоро нисбат дод:

1. Муайян ва тавсиф намудани хусусият, омил ва ҷараёни «феминизатсияи муҳоҷират» дар шароити Тоҷикистон;

2. Ошкор намудани соҳаҳои хосси шуғли занони муҳоҷир (хизматрасонӣ, савдо, корҳои хонаводагӣ, саноати сабук) ва вижагиҳои осебпазирии онҳо;

3. Таҳлили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии танзими муҳоҷират дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ;

4. Ҷалби маводи бойгонӣ, ҳисоботи мақомоти давлатӣ ва, бахусус, натиҷаҳои назарсанҷиҳои сотсиологии худи довталаб, ки бо далелу рақамҳои тоза кори таҳқиқиро ғанӣ гардонидаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 9 интишороти муаллиф, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таҳлили илмии равандҳои муҳоҷират, ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ аз ҷониби мақомоти дахлдор ва инчунин дар раванди таълими фанҳои таърих, сотсиология, сиёсатшиносӣ, иқтисод ва демография дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода намуд. Тавсияҳои амалии дар хулоса овардашуда хусусияти мушаххас дошта, ба беҳтаргардонии вазъи ҳуқуқию иҷтимоии занони муҳоҷир нигаронида шудаанд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву натиҷаҳои диссертатсия шубҳае намегузорад ва бо чанд омили муҳим таъмин гардидааст:

1. Довталаб ҳангоми таҳқиқ аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, маводи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисобот ва маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маводи созмонҳои байналмилалии муҳоҷират, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, инчунин Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ба таври васеъ истифода намудааст, ки боэътимодии заминаи далелии корро таъмин кардааст;

2. Хулосаҳо дар асоси принсипи таърихият, методи диалектикӣ, таҳлили сохторӣ, синтез, муқоиса ва таҳлили оморӣ бароварда шуда, ин ба раванди мантиқан асосноки омӯзиши масъала имкон додааст.

3. Довталаб шахсан назарсанҷиҳои сотсиологӣ гузаронида, далелу рақамҳои қаблан ошкорнагардидаро бевосита аз занони муҳоҷири воқеӣ ва шахсони огоҳ ба даст овардааст, ки ба арзиши эмпирикии кор ва эътимоднокии хулосаҳо рӯшанӣ меафзояд.

4. Дар рафти таҳия бо вазорату агентиҳои масъули соҳа ҷиҳати дақиқгардонии маълумоти оморӣ ҳамкорӣ сурат гирифтааст, ки дурустии нишондиҳандаҳои овардашударо тақвият мебахшад.

5. Хулосаҳои ҳар боб ва натиҷаҳои умумии диссертатсия аз таҳлили маводи воқеӣ бармеоянд, ба ҳамдигар зид нестанд ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба мазмуни таҳқиқот такя мекунанд.

6. Дастовардҳои асосии кор дар 9 интишороти муаллиф, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маърузаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ инъикос ёфта, диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи тахассусӣ муҳокима ва барои ҳимоя тавсия гардидааст.

Ҳарчанд як қисми нишондиҳандаҳои оморӣ ба навсозӣ ва сарчашмагузории дақиқтар ниёз дошта бошанд ҳам, ин ҳолат ба эътимоднокии умумии хулосаҳои бунёдии кор халал намерасонад. Дар маҷмуъ, дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот баланд арзёбӣ мегардад.

**Мутобиқати автореферат ва мақолаҳои нашршуда ба мундариҷаи диссертатсия.** Автореферат аз нигоҳи сохтор ва мазмун дуруст таҳия гардида, мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳо, объект ва предмет, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои асосии диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Байни мазмуни автореферат ва матни диссертатсия ягон номувофиқатии ҷиддӣ ба назар намерасад. Автореферат ва мақолаҳои нашршуда мундариҷаи асосии диссертатсияро ба таври комил ва дуруст инъикос намуда, ба талаботи меъёрӣ мутобиқанд.

**Эрод ва мулоҳизаҳои интиқодӣ.** Дар баробари арзишҳои зикршуда, кор аз баъзе камбудиҳо ва нуктаҳои баҳсталаб холӣ нест, ки ислоҳ ва такмили онҳо сифати таҳқиқотро боз ҳам баланд мебардорад:

1. Сарҳади поёнии доираи хронологӣ (соли 1991) асоснокии кофӣ мехоҳад. Худи муаллиф дар матн қайд менамояд, ки муҳоҷирати меҳнатии занон дар Тоҷикистон амалан баъди соли 2000 оғоз гардидааст; бинобар ин, тавсифи вазъи солҳои 1991–2000 ва далели интихоби маҳз соли 1991 ҳамчун нуқтаи оғоз бояд равшантар асоснок карда мешуд.

2. Дар муайянсозии асосҳои методологӣ «методологияи материализми диалектикӣ» ҳамчун усули меҳварӣ зикр гардидааст, ҳол он ки худи кор аслан ба муносибати гендерӣ-таҳлилӣ ва методи таърихият такя мекунад. Мувофиқи мақсад мебуд, ки маҳз муносибати гендерӣ ҳамчун асоси методологии асосӣ пешниҳод ва мукаммал шарҳ дода мешуд.

3. Дар як қатор бахшҳо, бахусус дар боби дуюм, маводи омории умумии муҳоҷирати меҳнатӣ оварда шуда, ҳиссаи мушаххаси занон на ҳамеша ҷудо карда мешавад. Тафкики дақиқтари нишондиҳандаҳои гендерӣ далелнокии хулосаҳоро устувортар мегардонид.

4. Дар матн баъзе хатогиҳои имлоиву техникӣ ва номувофиқатии истилоҳ (масалан, «фаромилӣ/фаромиллӣ», «иҷтисодӣ», «татқиқот») ба назар мерасанд ва рақамгузории тавсияҳои амалӣ дар хулоса номунтазам аст. Ин камбудиҳо ба моҳияти илмии кор халал намерасонанд, вале таҳрири нави матнро тақозо менамоянд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши умумии кор таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991–2024) (ҷанбаи таҳлилӣ-таърихӣ)» таҳқиқоти мукаммал ва аз нигоҳи илмӣ ба анҷомрасида буда, мавзуи мубрам ва камомӯхташударо фаро мегирад. Кор ба ба талаботи бандҳои дахлдори «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Зикриёева М.Ф.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. Сино, кӯч. Ал-Берунӣ 7/А, хонаи 51
Тел: (+992) 919511951
E-mail: info@tnu.tj

Имзои М.Ф.Зикриёеваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тел: (+992) 2217811
E-mail: info@tnu.tj

«29» 06 2026